**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Дар шароити афзоиши номуайянии иқтисоди ҷаҳонӣ масъалаи такмили сиёсати макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ аҳамияти хоса касб намуда, зарурати гузаронидани таҳқиқоти амиқи илмиро дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар тақозо менамояд. Маҳз, таҷрибаи бӯҳронҳои молиявӣ ва таҳкримҳои иктисодии байналмилалӣ собит намуд, ки назорати инфиродии фаъолияти бонкҳо на ҳамеша қодир ба пешгирии хавфҳои умуминизомӣ мебошад. Низоми бонкӣ ҳамчун унсури калидии иқтисод ба тағйирёбии омилҳои макроиқтисодӣ сахт вобаста мебошад. Ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ имкони интиқоли босуръати хавфҳоро байни кишварҳо фароҳам меорад. Дар ин замина, сиёсати макропруденсиалӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини устувории молиявӣ баромад менамояд. Он ба муайянсозӣ, пешгирӣ ва коҳиш додани хавфҳои системавӣ равона шудааст. Бо вуҷуди ин, бисёр кишварҳо бо маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва методологӣ дар татбиқи он рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар робита ба ин, дар автореферат таваҷҷуҳи асосии муаллиф ба таҳлили таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати такмили воситаҳои макропруденсиалӣ равона гардида, аҳамияти назаррас касб менамояд. Норасоии заминаи илмӣ метавонад сатҳи самаранокии қарорҳои танзимиро маҳдуд созад. Ҳамоҳангсозии сиёсати макропруденсиалӣ бо сиёсати пулию қарзӣ ва фискалӣ ҳамчун омили калидии таъмини рушди устувори низоми молиявӣ баромад мекунад. Истифодаи нишондиҳандаҳои дақиқ барои арзёбии хавфҳои системавӣ зарур шуморида мешавад. Такмили механизмҳои танзим ба паст кардани таъсири давраҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ин раванд сатҳи эътимоди аҳолӣ ва сармоягузоронро ба низоми бонкӣ боло мебарад. Омӯзиш ва мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити миллӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии танзими макропруденсиалӣ масъалаи мубрами илми иктисодӣ ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди равиши маҷмуӣ ба такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ зоҳир мегардад.

Муаллиф бо такя ба таҳлили равандҳои муосири рушди низоми молиявӣ маҷмӯи воситаҳои макропруденсиалиро пешниҳод менамояд, ки ба коҳиш додани хавфҳои системавӣ ва тақвияти устувории бонкҳо равона шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот механизмҳои арзёбии хавфҳои системавӣ такмил дода шуда, вобастагии онҳо аз давраҳои иқтисодӣ ва омилҳои беруна ошкор карда мешавад (саҳ. 14). Илова бар ин, зарурати мутобиқсозии сиёсати макропруденсиалӣ ба хусусиятҳои институционалӣ ва сатҳи рушди низоми бонкии кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш асоснок гардида, роҳҳои баланд бардоштани ҳамоҳангии он бо сиёсати монетарӣ ва фискалӣ пешниҳод шудаанд (саҳ. 17).

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Икромӣ Ф.Н. аҳамияти калони илмӣ доранд, зеро онҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти марбута, ба монанди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ, инчунин, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва дигар ниҳодҳо ҷиҳати амалӣ гардонидани сиёсати бонкӣ ва молиявӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Инчунин, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашудаи диссертант метавонанд мавзуи муҳимми тадқиқ ва мубоҳиса байни олимон ва муҳаққиқон бошанд, ки ба таҳкими минбаъдаи низоми бонкии кишвар, рушди назарияҳои танзими макропруденсиалӣ, суботи молиявии бонкҳо, назарияи сандуқи қарзӣ ва назарияҳои меъёрҳои фоизӣ дар иқтисодиёт алоқамандӣ доранд. Тадқиқоти гузаронидашуда дар асосноккунии самтҳои афзалиятнок, ба таври муфассал муайян кардани вазифаҳо ва чораҳои мувофиқ барои такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ саҳми муфиди илмӣ ва амалии худро мерасонад.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳқиқотҳо, дар кор баъзе нуктаҳо вуҷуд доранд, ки тафсилоти иловагӣ ва шарҳҳоро талаб мекунанд

1. Сатҳи методологияи арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо дар низоми бонкӣ пурра таҳлил нашудааст (саҳ. 12-15).

2. Дар таҳқиқоти муаллиф меъёрҳои мақбул барои низоми бонкии Тоҷикистон оварда нашудаанд. Маҳз як ё ду меъёрро ёдовар шудан беҳтар мебуд.

3. Раванди ҳамоҳангсозии сиёсати макропруденсиалӣ бо сиёсати монетарӣ ва фискалӣ дар баъзе мавридҳо нокифоя таҳлил шудааст (саҳ. 17).

Ин эродҳо хосияти ҷузъӣ доранд ва арзиши умумии мусбати таҳқиқотро кам намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» мундариҷаи таҳқиқотҳоро пурра инъикос намуда, бо дараҷаи баланди мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии кишвар ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои мақбули сатҳи ҷаҳонӣ аҳамияти калон доранд. Аз ин рӯ,

метавон гуфт, ки диссертатсия ба талаботи дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ** **Досиев М. Н.**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Досиев М.Н. - ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** **Насурдинзода А. Н.**

4. 02. 2026с.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33.
**Тел.:** (+ 992 37) 224 17 86, (+ 992) 985 56 65 66.
**E-mail:** info@apa.tj